# Иштироки бонувони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳо ҷиҳати ташвиқу таблиғи либоси миллӣ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 29 Май, 2023 - 09:33
[1]

Бонувони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои неки аҷдодӣ, аз байн бурдани тамоюли бегонапарастӣ ва ташвиқу таблиғи либоси зебои миллӣ – атласу адрас, чакан шуруъ аз 1-уми марти соли равон либоси миллӣ ба бар намуда, дар чорабиниҳои дохилии Кумита ва вазорату идораҳо, аз ҷумла, дар Рӯзи Модар, ҷашни байналмилалии Наврӯз , инчунин, дар чорабинҳои баргузорнамудаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – аксияи «Тоҷикона мепӯшем» дар МД боғи фарҳангӣ-фароғатии «Алишери Навоӣ» (12.04.2023) ва даври ҷамъбастии фестивали ҷумҳуриявии «Сад ранги чакан» (6.05.2023) дар Муассисаи давлатии фарҳангӣ-фароғатии «Аҳорун» фаъолона иштирок намуданд.
Ҳамзамон, корманди Кумита Маҳмадёрова Гулчаҳон Муқимовна дар ТВ «Тоҷикистон» дар мавзуи «Либоси миллӣ – зеби бонуи тоҷик» суҳбат суханронӣ намуданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (4 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

-

[6]

-

[7]

-

[8]

-

---

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/ishtiroki-bonuvoni-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati-chumkhurii-tochikiston-dar?mini=2026-04&page=2

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20230321-WA0024.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230325-WA0016.jpg [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230322-WA0030.jpg [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230322-WA0024.jpg [6] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230322-WA0023.jpg [7] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230322-WA0019.jpg [8] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230322-WA0007.jpg